Мурдагонро носазо нагӯед, зеро онҳо ба сазои аъмолашон расидаанд

Аз Оиша (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: " Мурдагонро носазо нагӯед, зеро онҳо ба сазои аъмолашон расидаанд".

[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ҳукми дашном ва носазо гуфтан ба мурдагон ва таън бар обрӯйи ононро баён фармуда ин амалро берун аз ахлоқи мусалмон донистаанд, зеро онон ба натиҷаи аъмоли худ - чи хуб буд ва ё бад - расидаанд ва бадгӯй ба онон намерасад балки он танҳо як озор ба зиндагон аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5364